**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи мазкур, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқоти ҳамчун масъалаи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ дар шароити муосир мебошад.Сохтори автореферат бо риояи талаботхои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо Фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) аз 27 декабри соли 2024, №493, тасдиқ шудааст, омода карда шуда, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мубрамият ва аҳамияти илмии мавзуъ**. Муаллиф дар муқаддимаи автореферат ба таври муфассал мубрамияти мавзуро асоснок намуда, қайд менамояд, ки таъмини харидорон бо ашёи сифатноку бехатар ва бо нархи дастрас яке аз вазифаҳои муҳим дар сиёсати иқтисодии давлат ва фаъолияти иштирокдорони касбии бозори истеъмолӣ мебошад. Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, ба Маҷлиси Олии кишвар аз 22.12 соли 2017 таъкид карданд: «Таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, ки шарти асосии солимии мардум мебошад, яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати пешгирии воридоти молу маҳсулоти пастсифат ва ғайристандартӣ мақомоти ваколатдорро зарур аст, ки доир ба риояи ҳатмии Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» чораҳои таъхирнопазир андешанд». Шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз воситаи муҳимми қонеъ гардонидани талаботи харидорон бо ашёи хушсифат ва бехатар барои ҳаёт, саломатӣ ва молумулкӣ онҳо, ҳимояи ҳуқуқу манфиати истеъмолкунандагон ва рушди бозори истеъмолӣ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи илмӣ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ муайян шуда, тавсифи умумии таҳқиқот баён карда шудааст .

**Сохтор ва мазмуни автореферат**. Автореферат дар доираи меъёри муайяншуда сохторбандӣ шудааст. Дар қисми тавсифи умумии таҳқиқот мақсад (таҳлили ҳамаҷонибаи шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои танзими ҳуқуқи хусусӣ), вазифаҳо (аз омӯзиши мафҳум, моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана масъалаҳои танзими ҳуқуқи-хусусӣ ва то пешниҳоди тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ),. объект (муносибатҳои муносибатҳои истеъмолие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқи-хусусии шартномаи хариду фурӯши чакана), мавзуъ (санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва назарияҳои марбут), марҳилаҳо ва заминаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд. Асоси назариявӣ бо истинод ба асарҳои олимони ватанӣ ( У.С. Болтуев, Ш.Қ. Ғаюрзода, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, Ш. Менглиев, П.З. Мирзозода, М.З. Раҳимзода, Ф.Т. Тоҳиров, О.У. Усмонов ва ғайра.) ва хориҷӣ (В.М. Богдан, В.В. Витрянский, Л.В. Пашатская, Б.И. Пугинский, Н.Ю. Хорошавина, Л.Ю. Шашкова, А.Е. Шерстабитов ва ғайра.) такя намуда аст.

Боби якуми диссертатсия - **«Моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана»**, ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби 1 боби 1 – «Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана» ном дошта, бо истифода аз таҳқиқоти олимон ва мутахассисони ватанию хориҷӣ, инчунин қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ масоили мазкур мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар он пеш аз ҳама, мафҳум, хусусиятҳо ва аломатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана дар заминаи таҳлили қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, ақидаҳои олимон ва мутахассисони ватанию хориҷӣ, мавриду омӯзиш таҳқиқ қарор дода шудааст. Мафҳум ва аломатҳои муҳими шартномаи хариду фурӯши чакана, нахустин маротиба дар сатҳи диссертатсияи мазкур таҳқиқ гардидаанд ва он саривақтӣ мебошанд.

Дар баробари ин дар доираи ин зербоб баъзе мафҳуму истилоҳоте, ки ба истилоҳоти шартномаи хариду фурӯши чакана алоқамандӣ доранд, аз қабили мафҳуми «савдои чакана», «савдои яклухт» ва «савдои чаканаи хурд» «шартномаи оммавӣ», «шартномаи истеъмолӣ» «хариду фурӯши», «фурӯши яклухт», «бо мақсади истифодаи шахсӣ вобастанабуда харидани мол», баррасӣ ва мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар зербоби 2-уми боби якум – «Асосҳои ҳуқуқии танзимнамои шартномаи хариу фурӯши чакана» бошад, сарчашмаҳои муҳимми танзими ин намуди шартномаи хариду фурӯши чакана таҳлил гардида, мушкилоти он ошкор гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории танзимкунанда шартномаи хариду фурӯши чакана баён карда шудаанд. Ба назари муаллиф асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чаканро – низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шартномаи хариду фурӯши чакана ташкил медиҳад, ки аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст Асосҳои ҳуқуқии

шартномаи хариду фурӯши чаканаро меъёрҳои ҳуқуқи мадани̅ ва танзими шартномави̅ ташкил медиҳад, ки хусусияти комплекси̅ доранд, яъне меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи̅ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба назари муаллиф диссертатсия рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ба замони дар замони соҳибистиклоли̅ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Бо вуҷуди ин дар қонунгузори̅, ки навъҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чаканаро танзим мекунанд, камбудиҳои муайян ҷой доранд. Қонунгузории зарурат ба такмил ниёз дорад.Бинобар ин муаллиф пешниҳодҳои оиди такмили қонунгузори̅ дар ин самтро менамояд.

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия – «Таснифи шартномаи хариду фурӯши чакана» ном дорад . Дар он таснифи шартномаи мазкур таҳқиқ шудааст. Ба назари муллиф, номгӯи пурраи навъҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ё шартҳои ин шартнома мавҷуд нест.Таснифи намудҳои шартномаи хариду фурӯши чакана метавонад аз рӯйи маҳакҳо, аломатҳои гуногуни шартнома, анҷом дода шавад.Дар муҳити рақобат соҳибкорон тарзу усулҳои муосирро истифода карда, кӯшиш менамоянд, ки ҳар чи бештар истеъмолкунандагонро ба савдои худ ҷалб намуда, ашёҳои худро ба фурӯш бароранд. Масъалаи дигар ин, ки то кадом андоза қонунгузори̅ намудҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашёро танзим менамояд. Таҳлили қонунгузории ҶТ оид ба шартномаи хариду фурӯши чакана имкон медиҳад, ки намудҳо зерини онро ҷудо кунем:

– фурӯши ашё бо истифода аз воситаҳои худкор;

– шартномаи хариду бо шарти ба харидор расонидани ашё;

– шартнома бо шарти аз ҷониби харидор дар муҳлати муайян гирифтани ашё;

– фурӯши ашё тибқи намунаҳо.

Боби дуюми диссертатсия **«Унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чакана»** номгузори̅ шуда, аз чор зербоб иборат аст. Зербоби 1-уми боби мазкур «Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана» номгузори̅ шудааст, ки дар доираи он унсурҳои шартномаи мазкур, ба монанди тарафҳо, мавзуъи шартнома, нарх, мазмуни шартнома мариди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки тарафҳои шартномаи мазкур ба монанди дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш, ин «фурӯшанда» ва «харидор» баромад менамояд. Ба сифати фурӯшанда, соҳибкори инфироди̅ ва шахси ҳуқуқи̅, новобаста аз шакли ташкили̅-ҳуқуқии онҳо баромад менамояд. Харидор – истеъмолкунанда бошад шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқи̅ баромад менамоянд, ки ашёро барои эҳтиёҷоти шахси̅, оилави̅ ва манзилии худ, ки бо мақсадҳои истифодаи фаъолияти соҳибкори̅ алоқаманд намебошад, харидори̅ мекунанд. Тарафҳои ин шартнома ҳамчун қоида аҳди хурди маиши̅ дар асоси нархҳои чакана мебанданд. Яке майдафурӯш ва дигаре майдахаридор мебошанд.

Ҳамзамон дар дар муносибатҳои хариду фурғши чакана аз тарафи фурӯшанда ва ҳам харидор шахсони гуногун иштирок мекунанад.

Ҳамзамон дар савдои чаканаи электронӣ:

1) фурӯшандагони ашё;

2) харидорони ашё;

3) миёнаравони иттилоотӣ ва миёнаравони дигар иштирок мекунанд.

Зербоби дуюми боби мазкур, «Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана» ном дорад. Ба наразн муаллиф мавзуи шартнома ашёи истеъмолӣ шуда метавонад. Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана ашёи ғайриманқул шуда наметавонад, зеро сухан дар бораи ашёи манқули истеъмолӣ меравад, ки эҳтиёҷоти маишии истеъмолкунандаро қонеъ мегардонад. Зеро ки нархи ашёи ғайриманкул қимат аст, нархи ашёи шартнома чакана бошад арзиши калон надорад, чунки ашёҳои истеъмолӣ донабайъ ё бо миқдори хурд фурӯхта мешаванд.

Зербоби сеюми боби мазкур «Мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана» ном дорад. Дар доираи рисола мазмуни ҳамчун шартҳои мувофиқшудаи тарафҳо ташаккул ёфта, доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо муайян шудааст Ба назари муаллиф шартномаи хариду фурӯши чакана дутарафа буда, ҳар ду тараф ҳуқуқ ва ва уҳдадориҳо доранд. Ин ҳуқуқу уҳдадориҳо дар навбати худ асоси мазмуни шартномаро ташкил дода, табиати ҳуқуқии онро муайян мекунанд. Ба ибораи дигар, нотакрор будани мазмуни ин шартнома бо шартҳои мушаххаси он муайян карда мешавад.

Дар доираи рисолаи мазкур танҳо он уҳдадориҳои тарафҳо таҳлил шудааст, ки дар як вакт ҳуқуқи тарафи дигарро ташкил медиҳанд.

Муаллиф уҳдадориҳои фурӯшандаро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки уҳдадории асосии фурӯшанда ба харидор супоридани ашёи хушсифат мебошад, ки мазмуни асосиаш дар зербоби 2 боби 35 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст.Муаллиф уҳдадориҳои фуруӯшандаро дар шартномаи хариду фурӯши чакана таҳлил намуда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд. Якум уҳдадориҳои фурӯшанда, ки то бастани шартнома ба миён меоянд, ин уҳдадории тарафҳо (фурӯшанда) оид ба пешниҳоди маълумоти боэътимод дар бораи мол, хосиятҳои он, нарх ва шартҳои фурӯш, инчунин маълумот дар бораи фурӯшандаро дар назар дорад. Ба гурӯҳи дуюм, уҳдадориҳое, ки ҳангоми бастани шартнома ва иҷрои минбаъдаи он ба миён меоянд, аз ҷумла ба харидор бо миқдор ва сифати муайян супурдани мол, тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, иҷрои уҳдадориҳои оид ба кафолат ва хизматрасони, ки дар шартнома ё қонун пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд. Ин тақсимот имкон медиҳад, ки уҳдадориҳои ҳуқуқии фурӯшанда ба низом даровардa шавад ва танзими самарабахши муносибатҳои тарафҳои шартномаро таъмин намояд.

Дар баробари фурӯшанда, дар шартномаи хариду фурӯши чакана харидор ҳамчун тараф низ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ дорад.

Муҳимтарин ҳуқҳои харидор ҳамчун истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана бо тариқи муфассал дар м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» танзим шудааст.

Зербоби чаҳоруми боби дуюм - «Хусусиятҳои тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана» ном дорад.

Ба назари муаллиф нисбати тартиби бастани ин шартнома қоидаҳои умумӣ оид ба тартиби бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ паҳн мегардад. Вобаста ба тартиби бастани шартномаи хариду фурӯш чакана бояд, ки фарқияти байни истилоҳҳои «лаҳзаи бастани шартнома», «шакли бастани шартнома» ва «иҷрои шартнома»-ро ҷудо намудан зарур мебошад. Мутобиқи КМ ҶТ шартнома бо фиристодани оферта (пешниҳод барои бастани шартнома), аз ҷониби як тараф ва аксепти он (қабули пешниҳод), аз ҷониби тарафи дигар, баста мешавад.

Боби сеюми диссертатсия «**Ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана**» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби 1-уми он «Рӯёнидани зарари молумулкӣ дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадориҳои фурӯшанда» таҳлил шудааст. Дар сурати аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани уҳдадории субъективӣ, нисбаташ ҷавобагарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Ба назари муаллиф, дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳангоми аз тарафи фурӯшанда поймол кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда бо расонидани зарар метавонад на танҳо бо оқибати молумулкӣ, балки оқибате, ки азобу шиканҷаи руҳиро нисбати истеъмолкунанда ифода мекунад, оварда расонад. Дар м. 572 КМ ҶТ омадааст, ки «зарари маънавие, ки ба истеъмолкунанда дар натиҷаи аз ҷониби фурӯшанда вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ расонида шудааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, товон карда мешавад». Ба андешаии муаллиф таҳлили баъзе ҳалномаҳои судҳои шаҳру ноҳияҳои ҶТ оид ба товони зарари маънавӣ рӯёнида шудаанд, дида мешавад, ки аз тарафи судҳо зимни баррасӣ парвандаҳои оиди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон, андозаи товони зарари маънавӣ баъзан кам карда мешаванд, бо вуҷуди он ки маблағи дар даъвои истеъмолкунанда пешбинишуда оқилона аст, аз доираи адолат берун намеояд.

Дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ҳуқуқи товони зарари маънавиро танҳо яке аз истеъмолкунандагон – инсон, шахсони воқеӣ доранд. Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарар бояд талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шавад.

Дар ҷамъбасти автореферати диссертатсия бошад, довталаби дараҷаи илмӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои муҳимтарини илмӣ ва амалӣ баён намудааст, ки онҳо мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳанд.

Дар таҳқиқот услуб ва истилоҳоти илмию касбӣ бо таври густурда истифода гардидааст ва асосҳои назариявию амалӣ ба назар гирифта шудаанд. Дар таҳқиқот гарчанде шакл ва мазмун бо ҳам мувофиқанд ва ба талаботҳои навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯянд, аммо ҳанӯз

ҳам баъзе ҳолатҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки нисбати онҳо изҳори назари муаллифи автореферати диссертатсия ба манфиати кор аст.

Дар муқаддима ва хулосаи автореферат муаллиф қайд шудааст, ки хусусияти танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана дар он ифода меёбад, ки он барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони ниҳоии ашё дар тафовут аз дигар намудҳои шартномаҳои хариду фурӯш нигаронида шудааст. Пурсида мешавад, ки агар дар шартномаи мазкур меъёрҳои он, ки барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон равона шуда бошанд, пас он дар чи ифодаи худро меёбад. Инчунин аз муаллиф пурсида мешавад, ки оё ба сифати харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана шахси ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкили-ҳуқуқиашон баромад карда метавонад, мехостам, ки ба ин масъала низ равшанӣ дода шавад.

Таҳлили муқаррароти автореферати диссертатсияи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ-тахассусӣ ба талаботи муқарраркардаи бандҳои 31, 33 – 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Бобоҷонзода И. Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (992) 372 21 56 89
Почтаи электронӣ: ifppanrt@gmail.com
bobojonov_i@mail.ru

Имзои Бобоҷонзода И.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академиям миллии илмҳои Тоҷикистон — Абдураҳмонзода Б.А.

02-декабри 2025

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ